Суратмаҷлиси № 25
ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-024 назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

03.11 соли 2026 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022, таҳти №24/шд тасдиқ гардида ва аз 31-уми майи соли 2024, таҳти №167/шд ба ҳайати он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст, 15 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафараш докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод мешавад, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

Рӯзномаи ҷаласа:

1. Оид ба қабул ва таъини комиссияи экспертии диссертатсияи Баҳриддинзода Бахтиёр Баҳриддин дар мавзуи «Ташаккули дипломатияи оби Тоҷикистон дар низоми Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид ва дурнамои он (солҳои 2003–2025)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна.

Баромад карданд: Раиси шурои диссертатсионӣ Расулиён Қ.Р. ва котиби илмии шурои диссертатсионӣ Умаров А.Қ.

Қарор қабул карда шуд:

1. Диссертатсияи Баҳриддинзода Бахтиёр Баҳриддин дар мавзуи «Ташаккули дипломатияи оби Тоҷикистон дар низоми Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид ва дурнамои он (солҳои 2003–2025)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна барои ташхис қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:
   - доктори илмҳои таърих Муродова Н.С.
   - доктори илмҳои таърих Турсунов Т.Х.
   - доктори илмҳои таърих Маликов М.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои
диссертатсионӣ д.и.т. **Расулиён Қ.Р.**

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ н.и.т. **Умаров А.Қ.**